Ба *Шурои диссертатсионии 6D.КОА – 014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон* (*734067, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14*)

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Одиназода Сафаралӣ Пулодхон дар мавзуи «Такмили идоракунии давлатии бахши бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз**

Масоили такмили идоракунии давлатии бахши бонкӣ дар шароити муосир яке аз самти муҳимми низоми идоракунии бонкии мамлакат барои нигоҳ доштани мувозинати ҳадафҳои стратегии мамлакат ва татбиқи барномаҳои рушди молиявӣ-бонкӣ мебошад.

Муаллифи автореферати диссертатсия дар раванди таҳқиқоти гузаронидашудаи худ таъсири мусбии такмили идоракунии давлатии бахши бонкӣ ва самаранокии механизми истифодабарии он ба рушди низоми бонкиро илман асоснок намудааст. Тибқи фарзияи ӯ раванди такмилдиҳии идоракунии давлатии бахши бонкӣ нишондиҳандаҳои молиявии ташкилотҳои қарзиро таҳким мебахшад ва таъсири сармоягузории бонкиро ба иқтисодиёт меафзояд. Албатта, мо ба фарзия муаллиф розӣ буда метавонем, чунки идоракунии давлатии бахши бонкӣ на танҳо суботи молиявии ташкилотҳои қарзиро таҳким мебахшад, балки низоми муассири идоракуниро дар бонкҳои тиҷоратӣ роҳандозӣ намуда, ба сатҳи пардохтпазирӣ, бозоргирӣ ва тақвияти пайвастаи нишондиҳандаҳои молиявӣ замина мегузорад.

Дисертант сабабҳои асосии идоракунии давлатии бахши бонкиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли расм хело хуб таҳия ва пешниҳод намуда, қайд менамояд, ки ҳадафи асосии таъсир расонидани давлат ба идоракунии бахши бонкӣ ин таъмини суботи молиявӣ ва баландбардории нақши бонкҳо дар иқтисодиёти миллӣ мебошад.

Дар баробари муваффақиятҳо дар автореферат чунин камбудӣ ба назар мерасад. Муаллиф дар саҳифаи 23, расми 5 Стратегияи идоракунии давлатии бахши бонкиро аз нуқтаи назари муаллифӣ пешниҳод намудааст. Хуб мешуд, агар дар қатори ин пешниҳодҳо муаллиф Стратегияҳо ва барномаҳои давлатӣ дар бахши молиявӣ ва бонкиро низ ба инобат мегирифт.

Камбудӣ ва норасоии номбаргардида қиммати назариявӣ ва амалии таҳқиқоти мазкурро кам намекунад ва он ҳамчун хусусияти пеншиҳодӣ (ё маслиҳатӣ) дорад.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Одиназода Сафаралӣ Пулодхон дар мавзуи «Такмили идоракунии давлатии бахши бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст, ба талаботҳои Низомномаи Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси номбурда мебошад.

**Тақриздиҳанда,**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
мудири кафедраи молияи
ДДБ ба номи Носири Хусрав Раҳимов П.С.

Дурустии имзои Раҳимов П.С.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДБ ба номи Носири Хусрав Исозода Т.И.

«___» ___________ соли 2025

**Суроға:** 735140, ш. Бохтар, кӯчаи Айни, 67,
Тел: (+992) 3222-2-54-81, факс: (+992)3222-2-22-53
E-mail: bgu-1978@mail.ru